**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», профессор**
**__________ Назарзода М. М.**
**«___» ___________ соли 2026.**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат мекунад.

Дар илми журналистикаи муосири тоҷик ҳолат ва тағйирпазирии сохториву идеологии ВАО дар вазъияти гузариш аз як низом ба низоми дигар яке мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад, зеро пажуҳишу баррасии онҳо паҳлуҳои гуногуни илми соҳаро ошкор мекунад. Аз ин рӯ, кори диссертатсионии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ба як масъалаи дорои аҳаммияти муҳим бахшида шуда, диссертант дар ҷараёни пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Мавзуи таҳқиқ бо фарогирии масъалаҳои баҳсталаб ва мубрам дар самти шаклгирии ВАО-и замони муайян аҳаммиятнок ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи номбурда дар густариши таҳқиқи илмии соҳавӣ, истифодаи назарияҳои муосири баррасии матн, тавсияи равишҳои тозаи таҳқиқи масъалаҳои нав, омӯзиши сатҳи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи тоҷик дар фазои иттилоотии муосир саҳми муносиб гузошта, дар мисоли расонаҳои мушаххас ин мавридҳоро ба таҳлил кашидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таваҷҷуҳ ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар шароити гузариш аз низоми шуравӣ ба низоми демократӣ яке аз самтҳои муҳимми илми журналистика ба ҳисоб меравад, чунки расонаҳои

хабарӣ дар ташаккули афкори мардум нақши муҳим дошта, барои пуррасозии фазои иттилоотии кишвар саҳми арзишманд мегузоранд. Аз ин нигоҳ, пажуҳиши мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ҳамчун мавзуи таҳқиқи алоҳида **мубрам** мебошад, зеро дар он вижагиҳои ин мавзуъ ва масъалаҳои ба он вобаста мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Пайдоиш ва ташаккули намудҳои нави воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ як бахши муҳимми дигари рисола мебошад, ки аз ҷониби диссертант мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия дар заминаи қиёс ба сатҳи касбияти журналистони замони Истиқлол бо замони пешин низ таваҷҷуҳ шудааст, ки сатҳи илмии онро бештар кардааст. Ин ҷанбаи мавзуъ низ, ки ба ташаккул ва рушди касбият дар воситаҳои ахбори оммаи замони нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, гувоҳи мубрамияти он буда метавонад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Муаллифи рисола аз мутолиаву пажуҳиши маводди гирдоваришуда ба хулосае расидааст, ки гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқ бадастомада дар таълиму тадриси таърихи журналистикаи ватанӣ, асосҳои журналистика, фазо ва амнияти иттилоотӣ аҳаммиятнок мебошанд. Таваҷҷуҳи хос ба мавқеи расонаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мавзуъ ҷойи таъкид аст. Хулосаю тавсияҳои диссертант, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳ шудаанд, дорои асос ва ҷанбаи муҳимми илмӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Рисолаи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» пажуҳиши илмии тоза ба шумор рафта, дар илми журналистика аз зумраи таҳқиқоти арзишманд ба ҳисоб меравад. Навгонии илмии пажуҳиш дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар илми журналистикаи тоҷик хусусиятҳои гузариши ВАО аз як низом ба низоми дигар таҳқиқи мукаммал шудаанд. Дар диссертатсия робитаи мутақобилаи байни мундариҷаву сабки нигориш ба назар мерасад. Натиҷаҳои ҳосилшудаи раванди таҳқиқ бомарому саҳеҳ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки диссертант зимни пажуҳиши худ усулу равишҳои таҳлили фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриро дар заминаи қиёси онҳо дар даврҳои гуногун ба миён гузоштааст, ки ин барои илми журналистикаи тоҷик судманд мебошад. Инчунин, таҳқиқи мавзуи мазкур барои ташаккули фазои илмии дохилӣ мусоидат карда, натиҷаҳои он барои таҳқиқи масъалаҳои

дигари баррасишавандаи журналистикаи тоҷик дар ин самт мавод медиҳад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқи мазкур дар он ифода меёбад, ки хулоса ва натиҷагириҳои илмии диссертант барои таълифи монографияҳо доир ба таърихи журналистикаи навини тоҷик, асосҳои журналистика, махсусиятҳои низоми ВАО-и ватанӣ, мақолаҳои тахассусии илмӣ, китобу дастурҳои таълимӣ вобаста ба журналистика муфид буда метавонад.

Диссертатсия ҳамчунин барои гузаронидани курсу семинарҳои махсус оид ба самтҳои мухталифи журналистика, вижагиҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва таҳияи рисолаҳои номзадӣ, доктори фалсафа (PhD), рисолаҳои хатм ва магистрӣ кумак карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, унвонҷӯ дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, мубоҳисаву муҳокимаҳо дар асоси далелҳои боварибахш ба натиҷаҳои мушаххас расидааст. Кори пажуҳишии мазкур бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу зербобҳои диссертатсия баҳсҳои судманди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои пажуҳиш дар 4 банд пешниҳод гардида, асоснок ва қобили эътимод мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқи мавзуъ ва баррасии масъалаи махсусияти гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми шахсии диссертант ба назар мерасад. Ҷанбаи дигар ҳам шоистаи зикр аст, ки диссертант фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони мураккаби сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, инъикоси рӯйдодҳои муҳимму таъсиргузори ҷумҳуриро дар замони гузариш мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ як қатор масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир дар замони гузариш таҳлилу баррасӣ шудаанд. Ҷобаҷогузории сохтории диссертатсия ҷолиб буда, масъалаҳои бамиёнгузошташуда бо мисолҳои мушаххас собит гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз пажуҳиши мавзуи диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Хусусиятҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки дар диссертатсия ба таври муфассал баррасӣ шудаанд, баёнгари он аст, ки пажуҳиш ба таври шоиста анҷом дода шуда, бахши асосии он ки ба муайян намудани махсусияти гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, маводди арзишманд мебошад.

Дар умум, мавриди таҳқиқ қарор гирифтани фаъолияти ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш аз низоми шуравӣ ба демократӣ ва баррасии дурнамову масъалаҳои он дорои аҳаммияти хос ва қобили таваҷҷуҳ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия фарогири номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқик, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия буда, ҳаҷми умумии кор 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Боби якуми** диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, аз 3 фасл таркиб ёфтааст. Дар **фасли якуми ин боб** таҳти унвони **«Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки таҳқиқи марҳилаи аввали замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, муаллиф ба натиҷае расидааст, ки маҳз ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз барои ташаккулу рушди воситаҳои ахбори омма бо гузариш аз низоми куҳнаи шуравӣ ба низоми нави демократӣ роҳи васеъ кушода гардидааст. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки «Дар марҳалаи гузариш аз низоми идеологии шуравӣ ба сохтори демократӣ матбуоти даврии Тоҷикистон мазмун ва вазифаҳои нав касб намуд. Он аз як унсури таблиғотӣ ба воситаи муҳимми ташаккули шуури сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мубаддал гардид» (диссертатсия, с.27). Бо соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ низ оғоз гардид ва танҳо пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз 27-уми июни соли 1997 воситаҳои ахбори оммаи кишвар имкони эҳёи фаъолият ва таҳкими заминаҳои қонуниро махсусан баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ба даст оварданд. Диссертант дар ин фасл ба хулосаи дуруст омада, таъкид менамояд, ки шароити сиёсиву ҳуқуқӣ дар солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ барои пайдоиш ва ташаккули низоми нави воситаҳои ахбори оммаи тоҷик таҳкурсии мустаҳкам фароҳам овард то матбуоти даврӣ ба унсури ҷомеаи демократӣ табдил ёбад.

**Фасли дуюми боби якум «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, ба таҳқиқи ташаккули заминаи ҳуқуқии низоми воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар марҳилаи аввали замони Истиқлол бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар ин фасл баъди пажуҳиши ҳаматарафа ба натиҷаи ниҳоӣ расида таъкид менамояд, ки яке аз муҳимтарин масъалаҳо барои таъсису фаъолияти озод ва мустақилонаи воситаҳои ахбори омма қабули қонунҳои нав ба шумор мерафт, ки мувофиқ ба талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз тарафи Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

**Дар фасли сеюми боби якум, ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»»** ном гирифтааст, дар доираи ду зерфасли дигар муҳимтарин қонунҳои соҳавӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқуии фаъолияти журналистӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин фасл диссертант меъёрҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»»-ро ба ҳайси санади асосии танзимкунандаи фаъолияти журналистӣ дар замони Истиқлол мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойгоҳи ин қонунро дар ташаккул ва рушди ВАО-и мамлакат баланд арзёбӣ кардааст. Муҳимтарин ҷанбаи таъсиргузори қонуни мазкур, ки ҳанӯз соли 1990 қабул шуда, бо ворид кардани тағйиру иловаҳои чандкарата ба шароити замони Истиқлол мутобиқ гардонида шуда буд, дар он арзёбӣ мегардад, ки ин қонун нахустин санади муқарраркунандаи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба сухан ва иттилоот мебошад.

Дар шинохти муаллифи диссертатсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ҳам дар давраи гузариш ва ҳам дар марҳилаҳои баъдӣ, ба ҳайси заминаи ҳуқуқии расонаҳо ҷиҳати ба як низоми муосир табдил ёфтани матбуоти тоҷик шароит фароҳам овардааст. Аз ҷумла барои ташаккули матбуоти мустақил, плюралистӣ ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои демократӣ аз нуқтаи назари дисссертант маҳз меъёрҳои ҳамин қонун шароит фароҳам сохтаанд.

**Дар зерфаслҳои аввал ва дуюми фасли сеюм – «Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он» ва «Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма»** ҳамчун ду ҷанбаи муҳимтарини дигар дар фаъолияти ВАО-и замони нав мавриди баҳсу баррасиҳои илмӣ қарор гирифтааст. Масъалаи ҳифзи моликияти зеҳниро диссертант ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ намуда, натиҷаи фаъолияти эҷодии инсон, яъне моликияти зеҳниро арзиши асосии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир арзёбӣ мекунад. Танзими реклама ҳам дар воситаҳои ахбори омма дар диссертатсия ҳамчун ҷузъи муҳимтарини фаъолияти расонаҳои хабарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон дошта, он аз 2 фасл иборат мебошад.

Дар **фасли якуми боби дуюм – «Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисҭон»** диссертант ташкили агентиҳои иттилоотиро дар замони Истиқлол ба сифати сарчашмаи асосии иттилоот барои рӯзномаву маҷаллаҳо ва радиову телевизион талаботи замон ва аз муҳимтарин вижагии шаклгирии низоми ВАО-и мамлакат дар ин давра арзёбӣ мекунад. Ба фаъолият оғоз намудани агентиҳои иттилоотии мустақилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муллифи диссертатсия бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷомеа ба ахбори фаврӣ арзёбӣ мекунад, ки дуруст ва бо бомаврид аст. Диссертант баъди омӯзиши ин масъала ба хулосаи дуруст омада, таъкид менамояд, ки агентиҳои иттилоотӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи асосии низоми нави воситаҳои ахбори оммаи кишвар ташаккул ёфта, на танҳо дар паҳн намудани иттилооти муҳимми дохиливу хориҷӣ, балки дар таҳлили сиёсати давлативу ташаккули афкори омма ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ нақши калидӣ доранд. Аз ин рӯ ташаккулу рушди низоми нави воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистонро бидуни агентиҳои иттилоотии давлативу мустақил тасаввур намудан ғайриимкон мебошад.

**Фасли дуюми боби дуюм «Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ»** ном дорад. Марҳилаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистонро диссертант барои воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ замони мураккаб, аммо таърихӣ арзёбӣ карда, мушкилии ин давраро дар он мебинад, ки аз як ҷониб, ҳанӯз анъанаҳои собиқ шуравӣ дар ВАО-и кишвар истифода мешуданд ва аз ҷониби дигар талаботи ҷомеаи нав ба афкори мустақил зиёд мегашт. Махсусиятҳои хосси ин марҳила дар шинохти муаллифи рисола дар он зоҳир мешавад, ки ВАО ба майдони муборизаҳои сиёсиву идеологӣ мубаддал гаштанд. Диссеротант баъди таҳлили фаъолияти ин давраи воситаҳои ахбори оммаи тоҷик ба натиҷаи мусбат расида, қайд мекунад, ки дар солҳои минбаъда расонаҳои хабарии кишвар аз минбари муборизаҳои сиёсӣ ба фазои ахбори созандаи касбӣ мубаддал гаштанд.

Гуногунандешии яктарафаи сиёсӣ, ки ба мунокиша ва иғвогарӣ меовард, тадриҷан ба давраи ҳамкориву созандагӣ ворид гардид. Бо ҳамин васила расонаҳои хабарии мамлакат ба ташаккул ва рушди афкори омма дар ваҳдати милливу сулҳ, мустаҳкамии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва созандагиву ободкориҳои кишвар саҳмгузор гардидаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунии ҷомеа»** ном дошта, он низ аз ду фасл иборат аст. **Фасли якуми боби сеюм «Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа»** номгузорӣ гардидааст. Дар ин фасл масъалаи ба василаи муҳимми робитаи

байни ҷомеа ва давлат табдил ёфтани ВАО баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳсу баррасиҳои илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант аз пажуҳиши ин мавзуъ ба натиҷае мерасад, ки матбуоти даврии тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба воситаи асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфта, дар баробари иҷрои вазифаи асосиаш иттилоърасонӣ инчунин вазифаҳои фарҳангиву сиёсӣ ва тарбиявию маърифатиро ба иҷро расонида истодааст.

**Фасли дуюми боби сеюм «Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ»** ном дошта, дар он ба раванди нави таърихӣ ворид гардидани низоми журналистикаи тоҷик баъди Истиқлол ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ин фасл диссертант шаклгирии низоми журналистикаи тоҷикро дар се марҳила – солҳои 1991-1997 – давраи оғози Истиқлол ва ҷанги шаҳрвандӣ; солҳои 1997-2010 – давраи пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ; солҳои 2010-2020 воридшавии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва густариши технологияҳои нав, муайян ва таҳқиқ намудааст.

Дар асоси чунин марҳилабандӣ пажуҳиш намудани фазои иттилоотии Тоҷикистон имконият ба вуҷуд овардааст, ки диссертант ташаккул ва таҳаввулоти воситаҳои ахбори оммаи тоҷик дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз назари илмию таърихӣ тавсиф ва таҳлил намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 14 банд баён шудаанд, ки натиҷаи омӯзишу таҳлил ва баррасиҳои доманадори ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии кори диссертатсия мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари комёбиҳои илмии ба даст овардашуда камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ва дар ҷараёни нашри монография дар madди назар доштани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Ба андешаи мо номи диссертатсияи тақризшаванда «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба ислоҳ дар варианти «Вижагиҳои давраи гузариши воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон аз низоми куҳнаи шуравӣ ба низоми нави баъдиистиқлолии демократӣ: имрӯз ва дурнамои он (солҳои 1991-2020)» ниёз дорад. Зеро ки мавзуи кори таҳқиқӣ бояд мушаххас бошад.

2. Аз нигоҳи мо фасли дуюм ва сеюми боби якум аз ҷиҳати мавзуъ ба ҳамдигар хеле наздик буда, як мавзуъро ифода мекунад. Бинобар ин беҳтар мебуд, ки ин ду фаслро дар фасли дуюми ҳамин боб «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» якҷоя карда шавад. Зеро зарурати дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додани танҳо як Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» нест.

3. Дар унвонии боби якум бо ду фасл ва боби дуюм бо як фасл ибораи Ҷумҳурии Тоҷикистон такрор ба такрор истифода шудааст, ки ин ҳолат то андозае номи бобу фаслҳои зикргардидаро якранг гардонидааст. Аз ин рӯ мебояд, ки ин камбудӣ ислоҳ карда шавад.

4. Дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ диссертант дар баробари услуби илмӣ услуби публитсистиро низ истифода намудааст, ки он ислоҳ мехоҳад.

5. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия: 11, 16, 27, 30, 56, 81, 112, 128 ва 140 ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум арзиши илмии кори диссертатсиониро халалдор намесозанд, зеро масъалаҳои ба тамоми паҳлуҳои диссертатсия алоқамандро дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва таҳқиқ намуда, хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби омӯзишиву таҳлилиро метавон пайдо намуд. Диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди нав дар илми журналистикаи тоҷик ҳисбидан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор аст. Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ 6-уми июни соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №1, аз 06.06.2026 с.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Галимова Моҳинур**

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Муъминҷонов Зулфиддин**

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими
калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Мулоева Нишона**

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов
ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода» **Нуридинзода Фаридун**

**Нишонаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45. E-mail: www.ddst.tj
06.06.2026 с.